Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

7 октябри соли 2023
Шанбе
№ 80 (14987)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ЎЗБЕКИСТОН – РУСИЯ: ШАРИКИ СТРАТЕГӢ ВА ДЎСТИ БОЭЪТИМОД

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари расмӣ дар Федератсияи Русия мебошад.**





Сарвари давлат дар аввали рӯзи дуюми барномаи сафари расмӣ ба Қабри сарбози номаълуми боғи Александри шаҳри Маскав гулчамбар гузошт.

Ҳайкали ёдгорӣ дар назди деворҳои Кремл ба шарафи миллионҳо нафар ҷанговароне, ки дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон дар муҳорибаҳо баҳри муҳо-физати Ватан мардонавор ҷангида, ҳалок гардидаанд, сохта шудааст. Ёдгорӣ рамзи қаҳрамонӣ ва корнамоии аҷдоди мост.

Президенти Ўзбекистон ба шарафи қаҳрамононе, ки ба хотири ояндаи осоиштаи башарият ҷони худро қурбон кардаанд, эҳтиром ба ҷо овард.

Дар Кремл мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин дар доираи маҳдуд доир гардид.

Дар оғози мулоқот Шавкат Мирзиёев ба Владимир Путин барои истиқболи самимӣ ва меҳмоннавозӣ изҳори сипос намуда, инчунин ба вазъи кунунии муносибатҳои ҳамаҷонибаи шарикии стратегӣ ва иттифоқӣ баҳои баланд дод.

Ҷонибҳо бо қаноатмандӣ рушди ҳамкориҳои бисёрҷанбаи Ўзбекистону Русияро қайд намуданд.

Таъкид гардид, ки дар доираи омодагӣ ба сафари кунунӣ як қатор чорабиниҳо дар сатҳи олӣ, аз ҷумла ҷамъомади чоруми Комиссияи муштарак дар сатҳи сарони ҳукуматҳо, анҷумани тиббӣ, форуми ректорон ва минтақаҳо бомуваффақият гузаронда шуданд.

Кооператсияи саноат бо суръат инкишоф меёбад, ҳаҷми сармоягузории Русия ба Ўзбекистон меафзояд.

Президентҳо дар бораи муҳим будани рушди минбаъдаи ҳамкорӣ байни минтақаҳо таъкид намуданд. Дар натиҷаи анҷумани сеюми ҳамкории байниминтақавӣ, ки 4 октябр дар Қазон баргузор гардид, созишномаву қарордодҳо ба маблағи 3,5 миллиард доллар ба имзо расид.

Дар бораи омода намудани «Харитаи роҳ»-и алоҳидаи кооператсияи саноатӣ дар қисмати минтақаҳо бо ҷадвали ташкили сафарҳои мутақобила дар давоми сол мувофиқа ҳосил шуд.

Ҳамчунин дар рафти мулоқот масъалаҳои таъмини кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандони мо, ки дар Русия кор мекунанд, муфассал баррасӣ шуданд.

Ба қарибӣ дар Маркази намоишгоҳҳои умумирусиявӣ низ ифтитоҳи павилони навшудаи Ўзбекистон баргузор гардид.

Президентҳо ба ҳамкориҳои ғанӣ ва гуногунҷанбаи фарҳангиву гуманитарӣ баҳои баланд доданд. Чорабиниҳои муҳими фарҳангӣ: нахустнамоиши балети миллии «Лазгӣ» дар Маскав, Рӯзҳои кинои Ўзбекистон, чорабиниҳои лоиҳаи «Мавсимҳои русӣ» дар мамлакати мо ташкил карда шуданд.

Сарони ду давлат дар мавриди қабули барномаи ғании ҳамкории фарҳангӣ барои солҳои 2024-2025 ба мувофиқа расиданд.

Президентҳо оид ба масъалаҳои рӯзномаи минтақавӣ ва байналмилалӣ, ки мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо мебошанд, мубодилаи афкор намуданд.

Дар хотимаи мулоқот, ки дар муҳити самимӣ ва дӯстона гузашт, ҷонибҳо бори дигар азми худро ҷиҳати таҳкими минбаъдаи муносибатҳои ҳамаҷонибаи шарикии стратегӣ ва иттифоқӣ тасдиқ намуданд.

Пас аз анҷоми вохӯрӣ дар ҳайати маҳдуд раҳбарони ду кишвар музокиротро дар ҳайати васеъ бо иштироки аъзои ҳайатҳои расмӣ идома доданд.

Сарвари давлатамон пай дар пай вусъат ёфтан ва пешравии назаррасро дар ҳамаи самтҳои муносибатҳои Ўзбекистону Русия бо қаноатмандии калон қайд кард.

Ба натиҷаҳои фаъолияти муштараки мақсаднок дар бахшҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузорӣ баҳои баланд дода, тағйироти сифатии онҳо таъкид гардид.

Барои тавсеаи кооператсияи саноатӣ, пеш аз ҳама дар соҳаҳои мошинсозӣ, металлургия, энергетика, коркард, нассоҷӣ, саноати хӯрокворӣ ва дигар соҳаҳо гурӯҳи муштараки доимӣ таъсис дода шуд.

Дар рафти гуфтушунид як қатор созишномаҳои дигар ба даст оварда шуданд, ки ба мустаҳкам намудани робитаҳои маданию гуманитарӣ нигаронида шудаанд.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Федератсияи Русия Владимир Путин дар бораи амиқсозии муносибатҳои шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ ва иттифоқӣ Изҳороти муштарак қабул карданд.

Дар ҳузури сарони давлатҳо табодули 10 санаде, ки миёни ҳукуматҳо ва вазоратҳои ду кишвар қабул шудааст, сурат гирифт. Созишнома дар бораи таъсиси Консулгарии генералии Федератсияи Русия дар шаҳри Самарқанд, эътирофи мутақобилаи сохторҳои дахлдори оператори ваколатдори иқтисодӣ, татбиқи лоиҳаи ташкили ҳамлу нақли баландсуръати роҳи оҳани «Агроэкспресс», Барномаи ҳамкорӣ байни вазоратҳои корҳои хориҷӣ барои солҳои 2024-2025, инчунин як қатор санадҳо оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои нақлиёт, илм, маориф ва фарҳанг аз ҷумлаи онҳост.

Созишномаҳои мазкур ба вусъати хамкории амалӣ дар як қатор самтҳои пешомадноки ҳамкории байни Ўзбекистон ва Русия мусоидат мекунад.

Президенти Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Русия Владимир Путин пас аз мулоқот барои намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ брифинг баргузор намуданд.

Пешвоён хабар доданд, ки мулоқоти муфассал баргузор гардида, тамоми ҷанбаҳои муносиботи байни Ўзбекистону Русия муфассал баррасӣ гардида, уфуқҳои нави ҳамкории муфиди мутақобил муқаррар карда шуданд.

Президентҳо суръати баланд ва пешрафти назаррасро бинобар тамоми самтҳои шарикии дуҷонибаи бисёрҷанба таъкид намуданд. Моилӣ ба роҳи рушди минбаъдаи ҳамкории муфиди тарафайн ва ба қуллаҳои нав бардоштани он тасдиқ гардид.

Президенти Ўзбекистон ба он эътибор дод, ки нафақат рушди босуботи нишондодҳои миқдории тиҷоративу иқтисодӣ ва ҳамкории сармоягузории байни Ўзбекистон ва Русия ба назар мерасад, балки пешрафтҳои сифатнок низ ба амал омаданд. Аз он ҷумла, агар пеш саҳми назарраси сохтори табодули амволи дуҷонибаро ашёи хом ташкил намояд, ҳоло акнун 70 фоизи он аз маҳсулоти арзиши иловагиаш баланд иборат аст.

Дар ҷанбаи сармоягузорӣ инчунин афзоиши лоиҳаҳои инноватсионӣ дар саноати сабук ва кимё, автомобилу мошинсозӣ, тандурустӣ ва дорусозӣ низ ба назар мерасад.

Инкишофи ҷолибияти сайёҳии Ўзбекистон барои шаҳрвандони Русия таъкид гардид. Изҳор шуд, ки мавҷи сайёҳони Русия аз аввали сол 20 фоиз афзуд.

Ҷонибҳо қарор намуданд, ки солҳои 2024-2025 дар мамлакатҳои ҳамдигар рӯзҳои маданият, санъат ва адабиёт ташкил намоянд.

Инчунин аҳамияти минбаъд васеъ намудани робитаҳои дуҷониба дар соҳаҳои маданият, таълим ва тандурустӣ таъкид шуд.

Президентҳо таъкид намуданд, ки дар маркази эътибор масъалаҳои муқовимат ба таҳдидҳои анъанавиву нав ва хатарҳо, пеш аз ҳама терроризм, экстремизм, ҷиноёти муташаккил ва қочоқи маводи мухаддир боқӣ мемонанд.

Ҷонибҳо изҳори бовар намуданд, ки қарордодҳои бадастомада ва ҳуҷҷатҳои имзогардида ба рушди минбаъдаи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ, мустаҳкам намудани робитаҳои дӯстонаи байни халқҳои Ўзбекистон ва Русия мусоидат хоҳанд кард.

Президенти Ўзбекистон инчунин бо Раиси Ҳукумати Федератсияи Русия Михаил Мишустин музокирот анҷом дод.

Мулоқот дар Маркази ҳамоҳангсозии Ҳукумати Русия сурат гирифт.

Масъалаҳои муҳими рӯзномаи дуҷонибаи иқтисодӣ баррасӣ шуданд.

Ба нигоҳ доштани динамикаи гардиши мол ва густариши робитаҳои ҳамкорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Барои ҳамоҳангсозии самараноки корҳо оид ба амиқсозии кооператсияи саноатӣ Гурӯҳи муштараки корӣ таъсис дода шудааст.

Масъалаҳои якҷоя татбиқ намудани лоиҳаҳо дар соҳаи рақамисозии тандурустӣ, таълим, инчунин ҷорӣ кардани тиҷорати электронӣ дар Ўзбекистон баррасӣ шуданд.

Имкониятҳои васеъ барои рушди минбаъдаи шарикии амалии минтақаҳои ду кишвар ва бо лоиҳаҳои мушаххас ғанӣ гардондани он қайд карда шуданд.

Дар бораи ташкили мубодилаи таҷриба дар соҳаи шаҳрсозӣ ва азнавсозии фонди манзил созиш ҳосил гардид.

Дар поёни музокирот Президенти кишварамон Раиси Ҳукумати Русияро даъват кард, ки бо сафари расмӣ ба Ўзбекистон ташриф оварад.

Сипас ҳайати Ўзбекистон бо кори Маркази ҳамоҳангсозии Ҳукумати Русия шинос шуд. Михаил Мишустин ба Сарвари давлатамон дар бораи фаъолияти ин ниҳоди доимӣ, ки бо мақсади таъмини фаъолияти фаврӣ ва ҳамоҳангшудаи сохтори ҳокимияти иҷроия таъсис ёфтааст, муфассал маълумот дод.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## Сафири Ўзбекистон Ботирҷон Асадов:

# МУНОСИБАТҲОИ БАЙНИ КИШВАРҲОИ МО ТЎЛИ ДАҲСОЛАИ ОХИР ХЕЛЕ ПУРМАҲСУЛ ШУДАНД

**Дар арафаи ҳамоиши сатҳи олии навбатии ўзбекистониву русиявӣ Оҷонсии иттилоотии «РИА Новости» гузориши сафири Ўзбекистон дар Русия Ботирҷон Асадовро дар бораи муносибатҳои ўзбекистониву русиягӣ интишор кард, – дарак медиҳад хабарнигори АИ «Дунё».**

Дар гузориш муносибатҳои Ўзбекистон ва Русия бинобар ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ, маданиву инсонпарварӣ ва сайёҳии ду мамлакат махсус таъкид мегардад.

Қайд карда мешавад, ки муносибатҳои байни мамлакатҳоро дар давраи кунунӣ метавон тӯли даҳсолаи охир хеле пурмаҳсул номид. Онҳо бо ҳусни тафоҳум, ғановатмандӣ ва муттасилӣ, аз ҳама муҳимаш, сифати робитаҳои дуҷониба тафриқа доранд.

Оҷонсӣ ба суханони сафир истинод оварда, хабар медиҳад, ки Русия аз ҷумлаи шарикони бузурги тиҷоратии Ўзбекистон ба шумор меояд. Бинобар натиҷаи соли гузашта ҳаҷми савдои дуҷониба аз нуҳ миллард доллар гузашт ва мунтазам инкишоф меёбад.

Русия ҳамчунин яке аз сармоягузорони пешоҳанги иқтисодиёти мо мебошад. Тӯли се соли охир дар Ўзбекистон миқдори корхонаҳо бо иштироки сармояи Русия ду баробар афзуд. Алҳол шумораи онҳо қариб ба се ҳазор адад мерасад. Лоиҳаҳои коопеaратсияи саноатӣ дар соҳаҳои маъданҳои кӯҳӣ, энергетика, кимиё, аграрӣ, мошинсозӣ ва электротехника фаъолона татбиқ мешаванд.

Ҳамчунин пешрафти ҳамкориҳои Ўзбекистон ва Русия дар ҷанбаҳои маданиву инсонпарварӣ қайд мегардад, ки солҳои охир ба дараҷаи сифатан нав бардошта шуданд. Дар байни кишварҳо муносибат дар соҳаҳои фарҳанг, санъат, театр, киноматография ва ҷабҳаҳои дигари маданиву башардӯстона вусъат пайдо мекунанд. Соли гузашта дар Тошканд ва Маскав ҷамъомади зеркомиссияҳо оид ба фарҳанг баргузор шуданд, ҳамчунин ду конфронси арбобони осорхонаҳо ба вуқӯъ пайваст. Соли сипаришуда дар шаҳрҳои Маскав ва Санкт-Петербург Рӯзҳои маданияти Ўзбекистон ва Рӯзҳои кинои Ўзбекистон бомуваффақият баргузор гардиданд.

Ғайр аз ин дар гузориш иттилоъ дода мешавад, ки алҳол шаҳрвандони Русия барои истироҳат бештар ба Ўзбекистон мераванд. Талаботи ба саёҳати Ўзбекистон дар байни сайёҳони Русия тайи соли охир афзуд. Миқдори сайёҳони Русия ба Ўзбекистон тӯли шаш моҳи соли 2023-юм нисбати то ҳамин давраи соли гузашта 1,9 баробар зиёд гардид ва 345 ҳазор нафарро ташкил дод. Соли гузашта ин нишондиҳанда 185,6 ҳазор сайёҳро ташкил медод.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри Маскав.*

# ТОЛИБАИ СИРДАРЁӢ ДАР ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ВОҚЕЪ ДАР ИТАЛИЯ ДОИР БА ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ҶОЙИ АВВАЛРО ИШҒОЛ КАРД

**Дар Рим давраи ниҳоии олимпидаи байналхалқӣ оид ба забони англисӣ «HIPPO», ки созмони «Global Hippo Association» ташкил кард, баргузор шуд.**

Созмони ғайридавлативу ғайритиҷоратии «Global Hippo Association» соли 2012-ум ташкил гардидааст. Ин созмони ҷамъиятӣ ба омӯхтани забони англисӣ дар байни хонандагони кишварҳое, ки дар онҳо англисӣ забони асосӣ нест, кумак мерасонад. Аз соли 2013 дар ҳамкорӣ бо созмони Британиёии «Pearson Education» Олимпиадаи байналхалқӣ ҳар сол оид ба забони аглисӣ «HIPPO»-ро дар байни хонандагони синфҳои 1-11 баргузор мекунад.

Соли равон дар давраи интихоботии олимпиадаи мазкур зиёда аз 83 ҳазор мактаббачагон аз 70 кишвар иштирок карданд.

Иштирокдороне, ки давраи интихоботии Олимпиадаи байналхалқии «HIPPO»-ро дар Ўзбекистон бомуваффақият гузаштаанд, иқтидори худро дар давраи нимниҳоӣ, ки моҳи июни соли равон дар Истамбул (Туркия) гузашт, санҷиданд. Даҳ нафар хонандагон аз мактабҳои Бухоро, Сирдарё ва Тошканд дар гурӯҳҳои худ ғолиб омада, ба давраи ниҳоӣ роҳхат гирифтанд.

27-29 сентябр 273 хонанда аз кишварҳои гуногун дар гурӯҳҳои мухталиф қуваозмоӣ карда, дониши худро бинобар забони англисӣ дар давраи хотимавӣ санҷиданд, ки дар Рим таҳти васояти Вазорати корҳои хориҷӣ ва Ҳамкории байналхалқиии Италия ба вуқӯъ пайваст.

Нигора Туғчибоева толиба аз вилояти Сирдарё дар олимпиадаи байни иштирокдорони гурӯҳи «Little Hippo» ғолиб омад ва дар олимпиадаи байналхалқӣ ҷойи аввалро ишғол намуд.

Созмондиҳандагон тамоми ғолибонро бо сертификатҳои байналхалғқӣ, медалҳо ва туҳфаҳои арзишманд мукофотониданд. Эълон шуд, ки давраи ниҳоии ин олимпиадаи байналхалқӣ соли оянда дар ҷазираи Ситсилсияи Италия баргузор мегардад.

**АИ «Дунё»,**
*шаҳри Рим.*

# НУҚТАҲОИ НАВИ ИСТИНОДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ЎЗБЕКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

***Имрўз халқи сермиллати мо баҳри гул-гулшукуфии Ватанамон, бунёди таҳкурсии Эҳёи нави Ўзбекистон фидокорона меҳнат мекунанд.***

**Шавкат МИРЗИЁЕВ, Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

Дар таърихи Ўзбекистон ду давраи дурахшони Эҳёро дидан мумкин аст. Давраи нахусти Эҳё (асрҳои IX-XII) бо инкишофи босуръати илм, фарҳанг ва санъат, тантанаи ғояҳои маорифпарварӣ ёд мешавад. Маҳз дар ҳамон вақт олимону мутафаккирони машҳур, ки соҳиби дониши васеъ буданд, ба хазинаи илмҳои ҷаҳонӣ, ба тамаддуни умумибашарӣ ҳиссаи калон гузоштаанд, эҷод мекарданд. Эҳёи дуюм (асрҳои XIV-XVI) бо номи «Эҳёи Темуриён» маъруф аст, ки маърифат, фарҳанг ва санъат ривоҷ ёфта, аз сарзамини Ўзбекистон зиёиёни оламшумул ба воя расида, комёбиҳои илмии дорои аҳамияти ҷаҳонӣ ба даст оварда шуданд.

Дар Ўзбекистони замонавӣ самти рушди илму маърифат, фарҳанг ва маънавият идома ёфт – имрўз таҳкурсии Эҳёи сеюм, – Эҳёи нав гузошта мешавад. Ғояи асосии Эҳёи сеюм ин ноил шудан ба шукуфоии кишвар дар асоси рушди илму маорифи муосир мебошад. Ояндаи мо маҳз дар маърифат, маънавиёт ва маданияти баланд дида мешавад. Ба аҳамияти эҳё ҳамчун таҳкурсии пешрафти миллӣ баҳо додан душвор аст. Он ғоя ва ҳадафҳоро, ки дар асоси ақидаҳои пешрафтаи илмӣ ва маънавӣ, арзишҳо ва тамоюлҳо асос ёфтаанд, фаро гирифтааст.

Имрўз ғояи Эҳёи сеюм ҷамъиятро муттаҳид менамояд, хусусияти ғояи миллӣ ба бар кардааст. Ҳамаи вазифаҳои стратегии рушди кишвар аз ҳадафи он – фароҳам овардани замина барои рушди бомуваффақият ва шукуфоии Ўзбекистон сарчашма мегирад. Таълиму тарбия, илму фарҳанг чор такягоҳи асосии давраи Эҳёи сеюм мебошанд. Маҳз омўзгорон, зиёиёни илмиву эҷодӣ роҳбаладон ва офарандагони давраи нави Эҳё мебошанд.

Баробари ба даст овардани истиқлол дар Ўзбекистон 31 августи соли 1991 масъалаи таҳия ва қабули Конститутсияи комил мутобиқи ҳадафу вазифаҳои ташаккули давлатдории нав ва азнавсозии демократии ҷомеа ба миён омад. Асоси ҳуқуқии эҳёи кишвар дар марҳилаи кунунии рушд Қонуни асосии он мебошад. Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон», ки дар референдум 30 апрел қабул гардид, эътибор пайдо кард. Мувофиқи қонун ба ҷойи Конститутсияи Ўзбекистон, ки 8 декабри соли 1992 қабул шудааст, таҳрири нави он тасдиқ гардид. Қабули он идомаи мантиқии ислоҳоте гардид, ки ба татбиқи тамоюли «Инсон – ҷамъият – давлат» нигаронда шудааст. Тамоюли мазкур тағйир ёфтани прадигмаи хидмати давлатро ба халқ ба назар мегирад: «Мақомоти давлатӣ бояд ба халқ хидмат кунад, на халқ ба мақомоти давлатӣ».

Таҷдиди Конститутсияи Ўзбекистон натиҷаи мантиқии як қатор тағйиротҳои пайдарпайи таҳаввулоти қонунгузорӣ гардид, ки барои таъминоти ҳуқуқии рушди Ўзбекистони Нав, такмил додани механизми ташкилию ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони кишвар амалӣ гардонда мешаванд.

Маълум аст, ки агар зарурати тағйир додани қоидаҳои конститутсионӣ ба миён ояд, агар чунин навсозӣ аз зарурати ҳаётӣ ба миён ояд, он бояд нав карда, ба талаботи замон мувофиқ карда шавад.

Навсозии конститутсионӣ дар ин бобат бояд аз рушди таҳаввулоти равандҳои иҷтимоии дар Ўзбекистон баамаломада асос ёбад, ҳадафу вазифаҳои наверо, ки бояд дар оянда ба даст оварда шаванд, мутобиқ созад, хусусиятҳои ҳуқуқии ҷомеа ва давлати навро инъикос намояд.

Ғояи таҷдиди Қонуни асосии кишвар дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, технологӣ, маънавӣ ва дигари ҷомеа, чолишу таҳдидҳои мавҷуда, инчунин зарурати ислоҳоти минбаъдаи кишвар ба миён омадааст. Аҳамияти воқеии таърихии таҷдиди Конститутсия дар он аст, ки он натанҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дастовардҳои кишварро мустаҳкам менамояд, балки афзалиятҳо ва дурнамои рушди минбаъдаи онро муайян мекунад.

Дар таҳрири қаблан амалкунандаи Конститутсия 128 модда мавҷуд буда, таҳрири нав аз 155 модда иборат аст. Ҳаҷми Конститутсия 65 фоиз афзуд. Ҳаҷми меъёрҳое, ки ба ўҳдадориҳои иҷтимоии давлат дахл доранд, се баробар зиёд гардида, қоидаи «таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳадафи олии давлат мебошад», мустаҳкам карда шуд. Дар Конститутсияи нав Ўзбекистон бори аввал ҳамчун давлати иҷтимоӣ, дунявӣ ва ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Қоидаҳои муҳимтарини Конститутсия меъёр дар бораи амали тамоюлҳо ва дастурҳо бевосита ва новобаста аз қабул ё ки мавҷудияти қонунҳои дахлдор ва ҳуҷҷатҳои дигари меъёриву ҳуқуқӣ гардид. Тамоюлҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар сиёсати хориҷии Ўзбекистон қарор доранд, «дахлнопазирии ҳудудӣ» ва «танзими мусолиматомези баҳсҳо» мебошанд.

Дар Қонуни асосӣ механизмҳои таъмини ҳуқуқ ва озодии инсон, озодии матбуот, сухан, виҷдон ва эътиқод ба дараҷаи назаррас васеъ гардонда, хусусан зикр шудааст, ки давлат ин арзишҳоро муҳофизат мекунад ва кафили онҳо ба ҳисоб меравад. Қонуни асосӣ тамоюли – «Шаъну шарафи инсон, ҳуқуқу озодии асосии он дахлнопазир, ҷудонашавандаанд ва аз таваллуд ба ҳар кас тааллуқ дорад». Дар он меъёрҳое инъикос ёфтаанд, ки афзалияти ҳуқуқ ва озодии инсонро, вазифаи таъмин ва ҳифзи онҳо – вазифаи олии давлат пешбинӣ шудааст.

Бояд гуфт, ки моҳияти Конститутсияи нав дар асоси ғоя – «Баҳри шаъну шарафи инсон» асос меёбад. Қоидаҳои он аз тамоюли асосии ислоҳоти солҳои охир анҷомёфта, ки дар модели: «Инсон – ҷамъият – давлат» инъикос ёфтаанд, бармеояд. Тамоюли мазкур арзиши асосии конститутсионии Қонуни асосии нав гардида, шаъну шарафи инсонро дар бар мегирад, ки дар ислоҳоти конститутсионӣ дар сафи пеш гузошта шудаанд.

Конститутсия бори аввал ҳуқуқи гирифтани кумаки тахассусии юридикӣ, ҳуқуқ ба манзил ва ҳуқуқ ба муҳити мусоиди зистро таъмин намуд. Моддаи танзими ҳифзи ҳуқуқи айбдоршавандагон дар содир намудани ҷиноят муфассал баён шудааст – ҳуқуқи онҳо барои сукут дар сурати тамоми ин шубҳа оиди гунаҳкорӣ ба фоидаи гумонбаршудагон ҳал карда мешаванд, мустаҳкам шудааст. Бори аввал ба таври возеҳ қайд шуд, ки айбдоршаванда ҳақ дорад бар зидди худ шоҳидӣ надиҳад. Меъёр дар бораи ҳуқуқ ба муносибати инсондўстона нисбати шахсони аз озодӣ маҳрумшуда аҳамияти махсус дорад. Мувофиқи таҳрири қаблии Конститутсия, танҳо шаҳрвандони Ўзбекистон ҳуқуқи ҳаракати озод дар саросари кишварро доштанд, акнун он ба ҳар касе, ки қонунӣ дар ин кишвар қарор дорад, тааллуқ дорад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳама гуна намуди меҳнати кўдакон, ки ба кўдак таҳдид мекунад ва ба таҳсили ў халал мерасонад, поймол кардани ҳуқуқи занон бо роҳи рад кардани қабул ба кор, инчунин аз кор озод кардан ва кам кардани музди меҳнат қатъиян манъ аст.

Дар Қонуни асосӣ муқаррар шудааст, ки бе қарори суд шахс зиёда аз 48 соат дар ҳабс нигоҳ дошта намешавад, қоидаро дар хусуси он мустаҳкам намудааст, ки маҳдуд кардани озодӣ танҳо дар асоси қарори суд имконпазир аст. Мақоми адвокатҳо баланд бардошта, баробарии онҳо бо муфаттиш ва прокурор ва ваколатҳои дахлдори онҳо муқаррар карда шуд. Дар баробари ин агар қонунӣ ва асоснок будани ҳабс дар суд исбот нагардад, шахс бояд фавран озод карда шавад (тамоюли «Хабеас корпус»). Аз ҷиҳати конститутсионӣ мустаҳкам кардани институти «Хабеас корпус» дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, моликияти хусусӣ ва манзилро кафолат медиҳад, ғайриимкон будани маҳдуд кардани ин ҳуқуқро бе қарори суд тасдиқ менамояд. Ҳангоми боздошти шахс ҳуқуқ ва асосҳои ба ҳабс гирифтани ў бояд аниқ тавзеҳ дода шавад.

Давлат барои таъмини фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар масъул аст. Қайд карда шуд, ки дар қаламрави кишвар ягонагии фазои иқтисодӣ, гардиши озоди молу хидмат, захираҳои меҳнатӣ ва молия кафолат дода мешавад.

Мутобиқи таҳрири нави Қонуни Асосӣ ҳеч кас бидуни қарори суд аз манзил маҳрум карда намешавад, давлат бояд барои истифодаи пурраи иншоот ва хидматрасониҳои маъюбон дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ шароит фароҳам оварад. Ба онҳо дар бо кор таъмин шудан ва гирифтани таълим кумак расонад, инчунин ба онҳо имконияти бемамониат ба даст овардани иттилооти зарурро фароҳам оварад.

Дар таҳрири нав ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъмини ҳуқуқи занон ва кўдакон таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шудааст. Меъёрҳои таъмини дастрасӣ ба таълим, тандурустӣ ва сарватҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи гирифтани ҳаҷми кафолатноки ёрии тиббӣ аз ҳисоби давлат муқаррар шудааст. Ба зиммаи давлат ўҳдадориҳо гузошта мешаванд, ки ба коҳиш додани бекорӣ ва камбизоатӣ, фароҳам овардани шароити иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва дигар барои рушди ҳамаҷонибаи оила нигаронда шудааст.

Ваколатҳои парлумон васеъ карда шуданд – миқдори ваколатҳои истисноии палатаи қонунгузорӣ аз 5 то 12 ва Сенат аз 14 то 18 зиёд карда шуданд. Меъёрҳо дар бораи кам кардани шумораи сенаторон аз 100 нафар то 65 нафар, дар бораи дароз кардани муҳлати ваколати Президенти Ўзбекистон аз 5 то 7 сол, манъи ҳукми қатл, дар бораи манъи истирдоди шаҳрванди кишвар ба давлати хориҷӣ ислоҳҳои муҳим гардиданд.

Қонуни асосии навшуда ба таҳкими роҳи стратегии ислоҳоти минбаъдаи ҷомеа ва давлат, ки ба сиёсати хориҷии он, пеш аз ҳама дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири мусбат расонд, даъват менамояд. Умуман тағйироти конститутсионӣ ба баланд бардоштани масъулияти мақомоти давлатӣ, инчунин таъмини иҷрои самараноки вазифаҳои онҳо нигаронда шудааст. Ба ислоҳҳои мазкур метавон ҳамчун идомаи мантиқии ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар Ўзбекистон татбиқ мегарданд, баҳо дод. Қабули Конститутсия дар таҳрири нав барои боз ҳам баланд бардоштани некуҳолии халқ, рушди устувори давлат ва ҷамъияти шаҳрвандӣ дар асоси тамоюли «Баҳри шаъну шарафи инсон» таҳкурсии мустаҳкам мегузорад.

**Омонулла МУҲАММАДҶОНОВ,**
**доктори фанҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқшиносии Тошканд.**



Солҳои охир дар вилояти Андиҷон оиди бо хобгоҳ ва манзили зист таъмин намудани донишҷўёни муассисаҳои таълими олӣ корҳои васеъмиқёс ба амал татбиқ мегарданд.

Тибқи барномаи шарикии давлатию хусусии барои солҳои 2022-2025 пешбинишуда бинои хобгоҳи нави замонавии дорои 400 ҷой дар Донишкадаи омўзгории Андиҷон ба истифода супурда шуд. Дар ҳар ошёнаи хобгоҳи мазкур хонаҳои дамгирӣ, ошхона ва хонаҳои ҷомашўйии муҷаҳҳаз мавҷуданд.

Чанде қабл аз ҷониби ҳокими вилоят ба хобгоҳи нави донишҷўён чанд навъи воситаҳои техникии маишӣ туҳфа карда шуд.

**Дар акс**: дар хобгоҳи нав.

**Аксбардор: З.УМУРЗОҚОВ (ЎзА).**

# СОБИҚАДОРОН ҲАМЕША ДАР ЭЪЗОЗАНД

**Чунин ном дорад тадбире, ки дар доираи «Ҳафтаи пиронсолон» дар садорати корҳои дохилии вилояти Бухоро бо собиқадорони меҳнате, ки солҳои тўлонӣ баҳри осоиштагии мардум хидмати арзанда карда, ба шогирдони зиёд ҳаққи устодӣ доранд, баргузор гашт.**

Сардори садорати корҳои дохилии вилоят Мирҷамол Миралимов ба ҷамъомади тантанавӣ ҳусни оғоз бахшида, таъкид намуд, ки таҳти роҳбарии сарвари давлат дар мамлакати мо зоҳир намудани эътибору ғамхорӣ нисбати пиронсолон чун равияи устувори сиёсати давлатӣ аҳамият дошта, баҳри гиромидошти онҳо чораю тадбирҳои зарурӣ дида мешавад.

Дар чорабинӣ Артисти халқии Ўзбекистон ва Қароқалпоқистон, директори Театри драмаи академии миллии ўзбек, раиси Шўрои ҷамоатии назди Вазорати корҳои дохилӣ Ёдгор Саъдиев низ иштирок намуда, собиқадорони меҳнати бухороии соҳаро ба муносибати рўзи шодиёнаашон муборакбод намуд.

Дар давоми тадбир гурўҳи фидоиёне, ки дар органҳои садорати корҳои дохилии вилоят солҳои зиёд содиқона хидмат кардаанд, бо нишони сарисинагии Вазорати корҳои дохилӣ, ташаккурномаи сардори садорати корҳои дохилии вилоят ва туҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардонда шуданд.

Инчунин, дар тадбир гурўҳи кормандонеро, ки дар органҳои садорати корҳои дохилӣ самаранок хидмат кардаанд, ба тарзи тантанавӣ ба нафақа гусел карданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ҶАШНИ РЎЗИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА РЎНАМОИИ КИТОБҲОИ ТОЗАНАШР

**Дар Кумитаи муносибатҳои байнимиллӣ ва равобит бо кишварҳои хориҷии назди Вазорати фарҳанг аз ҷониби Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ўзбекистон таҳти мавзўи “Забон – оинаи миллат” чорабинии маданӣ-фарҳангӣ рўйи кор омад. Ҷамъомади тантанавӣ ба санае (5 октябр) мувофиқ омад, ки дар ҳаёти мардуми тоҷик яке аз рўзҳои муҳим аст: Рўзи забони тоҷикӣ. Дар доираи чорабинӣ рўнамоии китобҳои тозанашр аз силсилаи “Накҳати сухан” низ ба вукўъ пайваст.**

Раиси Марказ Гуландом Субҳонова дар навбати аввал иштирокдорони гиромиқадр, аз ҷумла, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода, раисон ва масъулони як қатор марказҳои миллӣ-фарҳангӣ ва дигаронро хайрамақдам гуфт, ҳозирон ва кулли ҳамзабононро бо Рўзи забон муборакбод сохт.

Вай, аз ҷумла, қайд намуд, мо аз он ифтихор дорем, ки забони модариамон яке аз забонҳои қадимтарин ва бойтарини рўйи дунёст. Бо ин забон бузургмардони олами маънавии мо Рўдакию Фирдавсӣ, Хайёму Сино, Саъдиву Ҳофиз, Румию Ҷомӣ ва дигарон шеъру ҳамоса, маснавию қасида, ғазалҳои равону ҷовидонаи худ навишта, ба рушди адабиёт ва фарҳанги дунё саҳми муносиб ҳамроҳ кардаанд.

Бо вуҷуди он ки забони тоҷикӣ забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, дар Ўзбекистони мо низ мақому эътибори ба худ хос дорад. Аз қадим тоҷикони ин сарзамин дар баробари ўзбекон ва дигар халқҳои диёр аҳлона зиндагӣ карда, аввало забон, урфу одат ва фарҳанги худро чун шаъну ори миллӣ нигоҳ медоранд. Бо ифтихор бояд гуфт, ки дар Ўзбекистон барои рушди забон, адабиёт, урфу одат, маорифу фарҳанги тоҷикон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Бо дастгирии ҳукумати Ўзбекистон, бахусус Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев солҳои охир сафи мактабҳо, гурўҳу факултаҳои тоҷикӣ дар муассисаҳои таълими олӣ зиёд гашт, рўзномаву маҷаллаҳои нав бо тоҷикӣ таъсис ёфтанд, китобҳои бадеиву дарсӣ рўйи чоп мебинанд. Танҳо бо ташаббуси Маркази фарҳангии тоҷикон чоп гардидани китобҳои Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Лоиқ Шералӣ, Ҷонибек Қувноқ, Паймон, Абдулло Субҳон ва дигарон исботи ин суханон аст. Боиси хурсандист, ки тоҷикони Ўзбекистон забони модарии худро дўст медоранд, онро эҳтиром месозанд. Баробари ҳамин ҷиҳати муҳим боз он, ки ҳукуматамон барои рушди забони тоҷикӣ дари кулли имкониятҳоро кушодааст. Аз ин рў, бе ягон дудилагӣ гуфтан мумкин аст, ки забони тоҷикӣ дар Ўзбекистон мустаҳкам ва амиқ реша давондааст. То реша дар об аст умеди самар ҳаст, мегўяд халқ, гуфт раиси марказ Гуландом Субҳонова дар фуроварди сухан.

Баромади сафир Абдуҷаббор Раҳмонзода низ қобили таваҷҷуҳ буд. Вай гуфт: қабл аз ҳама бо дуруду эҳтиромоти зиёд ба ҳамаи шумо изҳори сипос менамоям, ки ба қадри забони ноби тоҷикӣ мерасед ва ба хотири дўстиву рафоқати халқҳои тоҷику ўзбек ва таҳкими ҳамдиливу бародарӣ чун рамзи эътиқоду эътибор дар баробари дигар ҷашнҳо Рўзи забони тоҷикиро низ бо меҳр, муҳаббат, самимият ва эҳтироми хоса таҷлил менамоед. Ба муносибати ин Рўзи фархунда ҳар кадоми шуморо сидқан муборакбод менамоям. Мо шод аз онем баъди ба сари қудрат омадани муҳтарам Шавкат Мирзиёев барои ҳамаи миллат ва халқиятҳое, ки дар Ўзбекистон кору зиндагӣ мекунанд шароите фароҳам омад, ки орзуву ормонҳои милливу суннатии худро ба амал бароранд. Дар ин миён тоҷикон ҳам метавонанд аз имкониятҳое, ки фароҳаманд, самаранок истифода кунанд, забон, адабиёт, фарҳанги қадимии хешро дар шароити нави таърихӣ равнақи тоза бахшанд. Роҳбари давлати Ўзбекистон ба хотири пешрафт дар соҳоти гуногун ва таъмини осудагиву фаровонии халқҳо ислоҳот оғоз кард, ба Конститутсияи кишвар низ дигаргуниву иловаҳо ворид гашт, хусусан эътибор ба ду масъалаи муҳим – фароҳамоварии шароити мусоид ба аҳолӣ ва дар фазои дўстиву кушодадилӣ бо бародарҳои бурунмарзӣ ҳаёт ба сар бурдани сокинон, ки ҳолия амалӣ мегардад, ба муроди дили ҳамаи мост.

Маърўзаҳои шоир ва муҳаққиқ Хусрави Саъдулло ва адабиётшиноси маъруф Султонмурод Олимов дар ҷараёни рўнамоии китобҳои тозанашри навбатӣ аз силсилаи “Накҳати сухан” бо унвонҳои “Марги судхўр” ва “Фарёди сукут” (Садриддин Айнӣ ва Абдулло Субҳон), айни замон, шавқангез сурат гирифт. Шоир Абдулло Субҳон қайд кард вақтҳои охир Маркази фарҳангии тоҷикон дар гузаронидани чорабиниҳои маънавию адабӣ фаъолтар шудааст. Вай шеърҳое қироат кард, ки ба гиромидошту манзалати забони ноби форсӣ-тоҷикӣ нигаронида шудаанд.

Лаҳзаҳои шеъриятро баромади ғунчаҳои боғи ирфони дабистонҳои таълими умумии рақамҳои 9, 25 ва 34-уми ноҳияи Сайҳунободи вилояти Сирдарё, рақамҳои 9 ва 43-юми ноҳияи Бўкаи вилояти Тошканд, як гурўҳ донишҷўёни факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омўзгории Чирчиқ тароватӣ дигар бахшид. Дар қисми бадеии чорабинӣ ансамблҳои бухороиву тошкандии марказ “Офтоби Суғдиён” ва “Ситора” ҳунарнамоӣ карданд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**



Дар доираи иҷрои фармони Президент «Дар бораи чорабиниҳо доир ба таъмини бунёди мавзеъҳои «Ўзбекистони Нав» ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо» дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Ҷиззах корҳои азими бунёдкорӣ идома доранд.

Мавзеи нави «Ўзбекистони Нав» дар ҷое қад афрохтааст, ки дашту саҳро буд. Дар ин мавзеъ ҳоло шаҳраке бунёд мегардад. Бинои 16 ошёнае барои ба истифода супурдан омода аст. Рўзҳои наздик калидҳои биное, ки ба 80 оила пешбинӣ шудааст, ба соҳибонаш супурда мешаванд.

Имрўзҳо дар мавзеи мазкур беш аз сад техникаи сохтмонӣ ва зиёда аз ҳазор нафар бинокорону муҳандисоне, ки аз гўшаҳои гуногуни мамлакат омадаанд, меҳнат мекунанд. Сохтмони дигар биноҳои бисёрошёна низ бо суръати баланд идома дорад.

**Дар акс:** Бинои қадафрохтае дар мавзеи нав.

**Аксбардор: Ҷ. Ёрбеков (ЎзА).**

**Дар Бухоро ба муносибати 80-солагии Академияи илмҳои Ўзбекистон таҳти унвони «Тибби ядроӣ» анҷумани байналмилалӣ ба амал омад.**

# КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар кори он вазири ҳифзи тандурустии Ўзбекистон Амрулло Иноятов, президенти АИ Ўзбекистон Беҳзод Йўлдошев, меҳмонон аз давлатҳои ҷаҳон иштирок карданд. Иштироккунандагони конференсия – экспертҳои намоёни миллӣ, ҳамкасбони онҳо аз Русия ва мамлакатҳои дигар оиди масъалаҳои муолиҷаи ҳаматарафаи саратон ва ташхисгузории он мубодилаи афкор намуданд. Ба ғайр аз ин бобати истифодабарӣ аз технологияи тибби ядроии муосир, кор карда баромадан ва истеҳсол намудани воситаҳои радиофармасевтика, масъалаҳои бехатарии радиатсия, танзими ҳуқуқии соҳа изҳори ақида карданд.

**А. АМРУЛЛО.**

# ҲАЙАТИ САМАРҚАНД ДАР ҚАЗОН ШАРТНОМАҲОРО БА МИҚДОРИ 202 МИЛЛИОН ДОЛЛАР ИМЗО КАРД

**Дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Федератсияи Русия дар пойтахти Татаристон – шаҳри Қазон бинобар ҳамкории байни ҳудудҳои Ўзбекистон – Русия анҷумани III баргузор мегардад.**

Дар ин анҷуман ҳайати вилояти Самарқанд низ бо сарварии ҳокими он Эркинҷон Турдимов иштирок дорад.

Ҳокимияти вилояти Самарқанд, раёсати сармояҳо, саноат ва савдои хориҷии вилоят, намояндагони раёсатҳои ҳудудии Палатаи савдою саноат, ҳамчунин бештар аз 20 нафар соҳибкорон бо ҳудудҳои Федератсияи Русия барои ба роҳ мондани робитаҳои муфиди тарафайн музокираҳо мебаранд.

Тўли ду рўз онҳо бо соҳибкорони русиягӣ дар соҳаҳои тиббиёт, таълим, бофандагӣ ва саноати сабук ба муоҳидаҳои дуҷониба имзо гузоштанд.

Дар давоми сафари ҳайат ба арзиши умумии 202 миллион доллар, аз ҷумла дар соҳаҳои сармоягузорӣ ба миқдори 152 миллион ва содирот 50 миллион доллар шартномаҳо имзо гардиданд.

**Ғолиб ҲАСАНОВ,**
**хабарнигори ЎзА.**

# МАНФИАТИ ШАХСӢ, МИЛЛӢ ВА УМУМИБАШАРӢ

Қабл аз он, ки дар бораи манфиатҳои шахсӣ ва миллӣ (умумимиллӣ) ҳарф занем, хостем хонандагони ҷавонро бо маънои луғавии вожаи «манфиат» ошно созем. «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» вожаи мазкурро ба ин тарз шарҳ додааст: «Манфиат (дар асл манфаат) — нафъ, фоида, суд». Дар дигар фарҳангҳо низ ба ҳамин маънӣ омадааст. Устод Лоиқ Шералӣ дар як фардаш, ки маҳсули мушоҳидаҳои ӯст аз зиндагӣ, изҳор доштааст, ки инсон ба дунё барои манфиат меояд:

*Дер омадаем ё ки зуд омадаем,*
*Дар даҳр ҳама барои суд*
*омадаем.*

Воқеан, агар зиндагии ҳар як инсонро пеши назар оварем, хоҳем дид, ки умре ба дунболи манфиат сипарӣ шуда будааст. Манфиат, ки аз ниёзҳои дарунии инсон бармеояд, ду навъ аст: шахсӣ ва миллӣ (умумимиллӣ).

Манфиате, ки ба ниёзҳои моддӣ ва маънавии як нафар, мисли омӯзиш гирифтану соҳиби касбу ҳунар шудан, сохтани маскан, харидани автомобил ё ҳар гуна лавозими зарурӣ, либос, ғизо (хӯрок), ҷиҳози хона, рахти хоб, соҳиби мансабу мартаба гардидан, донишандӯзӣ, роҳату фароғат ва ғайра нигаронида шудааст, манфиати шахсӣ мебошад. Барои дастрасӣ ба манфиатҳои шахсӣ одамон бисёр ранҷ кашидаанду мекашанд. Таҷрибаи зиндагӣ ва мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар тӯли умр қисми зиёди одами ба дунболи манфиатҳои шахсӣ мегаштаанд.

Дар баробари манфиатҳои шахсӣ, манфиатҳои миллӣ (умумимиллӣ) ва умумибашарӣ низ вуҷуд доранд, ки ба ниёзҳои моддӣ ва маънавии як миллат ва бани башар нигаронида шудаанд.

Манфиати миллӣ ё умумимиллӣ чӣ манфиат аст, ба дунболи он гаштан чӣ зарурат дорад? Манфиати миллӣ манфиатест, ки ба пос доштани забон, рушди фарҳанг, ба роҳ мондани мактабу маорифи миллӣ, доштани ҳофизаи таърихӣ, якпорчагии марзу бум, нигоҳ доштани беҳтарин урфу одат ва анъанаҳои аҷдод ва дигар арзишҳое, ки қавмеро ба ҷаҳониён ҳамчун миллат муаррифӣ менамоянд, иртиботи ногусастанӣ дорад.

Агар ба дирӯзи дуру наздики халқи тоҷик назар афканем, хоҳем дид, ки бисёр абармардон ва нобиғҳои илму адаб, ба мисли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Исмоили Сомонӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Спитамен, Маҳмуди Торобӣ, Темурмалик, Абурайҳони Берунӣ, Абуалӣ ибни Сино, Ҷалолуддин Балхии Румӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Камоли Хуҷандӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Калими Кошонӣ, Соиби Табрезӣ, Аҳмади Дониш, Туғрал, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, Абдуқодир Муҳиддинов, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир ва садҳо тани дигар умри гаронмояи худро сарфи манфиатҳои миллӣ намуда, ба рушди забон, фарҳанг, истиқлоли марзӣ ва фикрии тоҷикон саҳми назаррас гузоштаанд. Вале миллати тоҷик дар канори ин ҷоннисорон, фарзандони хоине низ доштааст, ки дар тӯли таърих барои мансабу мартаба ва дигар манфиатҳои шахсӣ ба осиёи бегонагон об рехтаанд…

Дар замоне ки арабҳо дар зери парчами ислом сарзаминҳои Осиёи Марказиро забт намуда буданд, қисми зиёди шоирону нависандагон таълифоташонро ба забони арабӣ анҷом медоданд. Ба қавли Фирдавсӣ замони «Чу бо тахт минбар баробар шавад, Ҳама ном Бубакру Уммар шавад» буд. Дар ҳамин шарту шароит Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ буданд, ки барои истиқлоли забониро ба даст даровардан, шеърнависиро ба форсии тоҷикӣ шурӯъ карданд. Ва ин форсисароӣ аз ҷониби шоҳи замон мавриди дастгирӣ қарор гирифт.

Истиқлоли марзиро ба даст даровардани шоҳ Исмоили Сомонӣ натиҷаи саъю талошҳои ӯ дар роҳи манфиатҳои умумимиллӣ будааст. Дертар дар роҳи таҳким бахшидани истиқлоли забонӣ «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосими Фирдавсӣ қадами устувортар гардид. Ин ҳамосаи беназир ба қудрати забони порсӣ ё форсӣ ба маротиб афзуд. Фирдавсӣ тасмим гирифта буд, ки забони мурдаистодаеро аз нав зинда кунад ва бино ба қавли худаш сӣ сол ба дунболи ин кор гашт:

*Басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ.*

Бубинед, Фирдавсӣ намегӯяд, ки Аҷамро бо гиёҳу дору зинда кардам, балки мегӯяд: «Аҷамро зинда кардам бад-ин порсӣ», яъне, бо забони порсӣ зинда кардам.

Дар ин шоҳасар фикрҳои истиқлолхоҳие, ки ба муқобили арабҳои истилогар нигаронида шудаанд, кам нестанд. Мисол:

*Зи шири шутур хӯрдану сусмор,*
*Арабро ба ҷое расидаст кор.*
*Ки тоҷи каёнро кунад орзу,*
*Тфу бар ту, эй чархи гардун, тфу!*

(Давомаш дар саҳ.4).




Дар шаҳри Андиҷон ҷашнвораи ҷумҳуриявии гастрономии «Gastrofood» баргузор шуд. Дар он брендҳои шинохтаи гастрономӣ, ошпазони моҳир, намояндагони корхона, созмону меҳмонхонаҳое, ки дар соҳаи сайёҳӣ фаъолият доранд, ҳамчунин, шуъбаҳои вилоятии марказҳои фарҳангии уйғур, қирғиз, корейс, арман ширкат ҷустанд. Онҳо дар ҷашнвора иқтидору имкониятҳои сайёҳии гастрономиро намоиш доданд.

Намоишгоҳе, ки дар худ фаъолияти объектҳои сайёҳиро таҷассум намуда буд, ба таваҷҷӯҳи иштирокдорон афзуд.

**Дар акс:** лавҳае аз ҷашнвора.

**Аксбардор: З.УМУРЗОҚОВ (ЎзА).**

# НЕКБАХТ ОН КАСЕ, КИ ДОДУ БИХӮРД...



**Ҳамон рӯз дар маркази ноҳия таҷлили иди истиқлолияти Ватанамон бошукӯҳ ва бо тантанаи хос идома мекард. Ҳамроҳи як гурӯҳ меҳмонон, ки аз маркази вилоят ва ноҳияҳои бо Сӯх ҳамсояи вилояти Боткенти Қирғизистон ба ин чорабинӣ ташриф оварда буданд, барномаи консертии дастаҳои ҳунариро тамошо мекардам. Ҳар як баромади овозхонҳо ва тамошои рақсҳои ҷолиб ба ташрифовардагон завқу шавқи беандоза мебахшид.**

Вақте ки консерт ба тамомшавӣ наздик расид, садои касе маро водор намуд, ки ба ақиб нигарам. Чанд нафар фаъолони ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳову соҳибкороне ба чашм расид, ки аксарияти онҳоро мешинохтам. Дар байни онҳо асалпарвари номӣ, ки исмаш ба касбаш низ тавъам мебошад, Асалбек Муртазобековро низ дидам. Сари синаи ӯро чанд нишони давлатӣ зеб медод. Дарёфтам, ки соҳиби садо вай аст ва бо имову ишора фаҳмондам, ки баъди анҷоми чорабинӣ бо ҳам мулоқот хоҳем кард.

Бо эълони ровӣ барномаи хоси идона ба охир расид. Оҳиста иштирокчиёни консерт гурӯҳ-гурӯҳ майдони васеъи назди бозори нави деҳқониро холӣ мекарданд.

– Аз дидоратон хушҳолам,– бо илтифоти хос ва табассум гуфт Асалбек Муртазобеков ва ҳарду ҳамдигарро ба канор гирифтем.

Баъд аз кору зиндагии вай пурсону ҷӯё шудам. Гуфт, ки мисли пештара ба парвариши занбӯрҳои асал машғул аст. Асалбек дар омади гап аз он ёдовар шуд, ки як қисми маблағи аз ҳисоби асалпарварӣ ба даст овардаашро соли равон баҳри ободу зебо гардонидани ду кӯдакистони деҳаҳои Девайрону Умбара ва мактабҳои таҳсилоти умумии рақами 14 ва 17, инчунин шифохонаи марказӣ сарф намуд.

Дарвоқеъ, Асалбек Муртазобеков соли 1973, баъди хатми мактаб, курси мошинрониро тамом кардааст ва баъди адои хидмати аскарӣ дар автокорхонаи хоҷагии ҷамоавии «Сӯх» ба касби ронандагӣ машғул шудааст.

– Соли 1985 сохтмони обанбори болои рӯдхонаи Сӯх оғоз ёфт ва аз ҳисоби ҷавонон бригадаи сохтмончиёнро ташкил карда, то соли 1996 ба он роҳбарӣ намудам. Парвариши асал барои мо аз падару бобоямон мерос мондааст. Ҳарчанд кори содаву осон нест, вақтҳои холиамро ба парвариши чанд қуттӣ асал сарф мекардам. Аз рӯи шавқу завқ каму беш ба кори асалпарварӣ машғул мешудам. Аммо оҳиста ин шавқу завқ ба кори доимии ман табдил ёфт ва маро куллан ба доми худ кашид. Аз ҳамон вақт ба ин сӯ домани фаъолиятам беш аз пеш дар ин самт фароҳтар мегардад,– мегӯяд ҳамсуҳбатам.

Ба гуфтаи Асалбек Муртазобеков ба шарофати касби истиқлоли кишвар барои соҳибкорон хеле шароити хубу мусоид фароҳам оварда шуд. Соли 1996 аввал ба соҳибкории оилавӣ рӯй овард. Дар баробари парвариши занбӯрҳои асал дар як гӯшаи деҳаи Девайрон аз ҳисоби заминҳои бекорхобида боғи мевадиҳанда ташкил намуд ва баъдтар онро ба хоҷагии фермерӣ мубаддал сохт.

– Агар одам дасти хайру саховаташро боз намояд, Худованд ин иқдоми вайро ҳаргиз бе аҷр намегузорад. Кӯдакистонҳои «Садбарг» ва «Лола»-ро ҳамеша аз кумакҳои молии худ баҳраманд мегардонам. Барои он ки кӯдакон дар фасли сармо дар хонаҳои гарму мусаффо таълиму тарбия гиранд, то қадри имкон ҷиҳати таъмини сӯзишворӣ дасти мадад дароз мекунам,– изҳор медорад Асалбек Муртазобеков.

Маълум шуд, ки ин кӯдакон аз маҳсули меҳнати ӯ бебаҳра намемонанд. Вай барои онҳо низ асалҳои хушталъму ширини худро ҳадя карда меистад. Ғайр аз ин, фарши ду кӯдакистонро бо чанд қолин ва ошхонаҳои онро бо зарфҳои гуногун таъмин кардааст.

– Сол аз сол теъдоди қуттиҳои занбӯри асалро афзоиш медиҳам. Дар айни ҳол ҳаҷми асалҳои ба даст овардаам аз 7 тонна то ба 17 тонна расид. Як қисми маблағи аз ҳисоби он ба даст овардаамро барои корҳои хайр сарф мекунам. Чанд сол муқаддам барои беҳбуди инфрасохтори деҳаи Девайрон, расонидани кумак ба хонаводаҳои камбизоат, рағбатнок кардани талабагони аълочӣ ва ташкили осорхонаи мактаб, шағалрезии се километр роҳи дохилӣ, тоза кардани ҷӯй ва амсоли он дастикам 20 миллион сӯм маблағ ҷудо кардам,– иброз дошт Асалбек Муртазобеков.

Яке аз корҳои вай дар бобати хайру эҳсон боз аз ҳамин иборат аст, ки барои бо оби ошомиданӣ таъмин кардани қисми ҳарбӣ ва кӯдакистонҳои деҳ ду километр лӯла хобонида овардааст.

(Давомаш дар саҳ.4).

**Дар Душанбе китоби Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон, узви иттифоқҳои нависандагони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон, Аслиддин Қамарзода таҳти унвони «Донишнома – тазкираи суханварони тоҷики Ӯзбекистони қарни XX ва ибтидои асри XXI» ба нашр расид.**

# БОЗ ЯК КИТОБИ НАВ

Китоб бо дастгирии президенти Фарҳангистони миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ дар нашриёти “Дониш” чоп шуд.

Китоб дар пайравӣ ба анъанаҳои тазкиранависии ниёгон интишор шуда, дар он ғайр аз ироаи маълумоти энсиклопедӣ дар бораи беш аз 600 нафар адибон, олимон, журналистон, омӯзгорони эҷодкор, инчунин намунаҳо аз осори онҳо оварда шудааст. Гузашта аз ин, дар бораи фаъолияти марказҳои миллӣ-фарҳангӣ ва маҳфилҳои адабӣ, ки дар аксари мавзеъҳои тоҷикнишини ҷумҳуриамон ба роҳ монда шудааст, ба таври мухтасар маълумот мавҷуд аст.

Муаллиф ёдовар шудааст, ки дар қаламрави имрӯзаи Ӯзбекистон асрҳо боз мардуми тоҷиктабор зиндагӣ карда, дар таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ, илму адабу фарҳанг ва рушду нумӯъи он саҳми пурифтихореро аз худ боқӣ гузоштаанд. Онҳо анъанаҳои Рӯдакии Самарқандиро давом додаанд. Рашидии Самарқандӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Малеҳои Самарқандӣ, Мулҳами Бухороӣ, Асириддини Ахсикатӣ, Хоҷа Исмат, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Сайидои Насафӣ, Аҳмади Дониш, Мунзим, Садриддин Айнӣ ва дигарон аз ҳамин шумор мебошанд.

“Ибтидои солҳои 70-уми қарни гузашта ба шарафи 2500 солагии бунёди шаҳри Самарқанд олимон Тӯрақул Зеҳнӣ ва Садрӣ Саъдиев тазкирае ба номи “Суханварони Сайқали рӯи замин” таҳияву таълиф намудаанд, ки доир ба беш аз 200 нафар адибони самарқандӣ маълумот ироа шудааст ва намунаҳо аз эҷодашон тақдим гардидааст”, омадааст дар пешгуфтор.

Баъд дар бораи ду алломаи бузурги асри XV Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ, ки дар рушди адабиёти зуллисонайн нақши муҳим гузоштаанд ва ба рушди ин намуди адабу фарҳанги ду миллати дӯсту бародар ҳусни оғоз бахшидаанд, маълумот дода шудааст.

Қамарзода аз адибоне ёдовар шудааст, ки бештаринашон зодагони ин марзу бум ҳастанд ва бевосита дар Тошканду Самарқанд таҳсил намудаанд ва ба ҳайси адибону олимони намоён чи дар Тоҷикистон ва чи дар Ӯзбекистон ном баровардаанд. Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Абдусалом Деҳотӣ, Фотеҳ Ниёзӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Раҳим Ҳошим, Холиқ Мирзозода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Обид Исматӣ, Ҳабиб Аҳрорӣ, Баҳром Фирӯз, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Расул Ҳодизода, Шавкат Ниёзӣ, Юсуф Акобиров, Наримон Бақозода, Мутеъулло Наҷмиддинов, Саттор Турсун, Иноят Насриддин ва дигарон аз зумраи ҳамин адибону олимон муаррифӣ шудаанд.

Дар идома муаллиф дар бораи адибони муосир маълумот додааст, ки зодаҳои шаҳру ноҳияҳои гуногуни Ӯзбекистони соҳибистиқлол мебошанд ва ба забони тоҷикӣ эҷод мекунанд. Дар ин шумор номҳои Асад Гулзода, Аминҷон Шукуров, Ҷонибек Қувноқ, Адаш Истад, Салим Кенҷа, Ҳаёт Неъмат, Акбар Пирӯзӣ, Болта Ортиқзода, Маҳбуба Неъматзода, Бахтиёри Ҷумъа, Паймон, Бекназари Тӯйназар, Чоршанбеи Деҳнавӣ, Ҷаъфари Муҳаммад, Асадуллоҳ Шукурзода, Холбойи Ҷалил, Абдулло Субҳон, Нодир Нодирӣ, Муҳаммадҷон Шодӣ ва дигарон қайд гардидааст.

Ин китоби пурмуҳтаво дар ҳаҷми қариб сад ҷузъи чопӣ дар асоси шартномаҳои равобити дӯстӣ дар бобати фарҳангу адабиёти байни Тоҷикистону Ӯзбекистон интишор ёфтааст ва басо арзишманд мебошад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ХИДМАТИ ПАДАРУ ДУХТАР ДАР РАВНАҚИ КИНОИ ТОҶИК

***Қобилияти эҷодкории қисме аз падарҳои дар олами адабиёт ва ҳунар номвар ба духтарҳояшон гузашта, саъйи фарзандҳо дар роҳи идомадиҳии фаъолияти падар то андозае самараи худ бахшидааст. Духтарҳои устодон Айнӣ, Икромӣ ва Турсунзода – Лутфия, Дилафрӯз ва Фирӯза ҳаёти худро ба тадқиқу таҳқиқ бахшида, дар ҷодаи илм қадамҳои дилпурона гузошта бошанд, духтарҳои Пайрав Сулаймонӣ, Муҳиддин Аминзода ва Ғаффор Мирзо – Гулчеҳра, Озод ва Гулбаҳор мисли қиблагоҳи хеш ба гулшани назми тоҷик қадри тавон тароват бахшиданд. Духтари дигар аз шоирони шинохтаи тоҷик Мирсаид Миршакар – Заррина мусиқор шуд, ба равнақи маданияти миллӣ саҳм гузошт.***



Вақте сухан дар бораи синамо ва режиссура меравад, дар навбати аввал номи коргардони нотакрор Борис Кимёгаров ба забон меояд. Бе офаридаҳои ӯ, бидуни муболиға, киноии миллии тоҷикро тасаввур кардан душвор.

Борис (номи аслиаш Бенсион) зодаи шаҳри Самарқанд буда, дар хонаи бачагони шаҳри Қӯқанд тарбия гирифтааст. Яҳудиписар соли 1944 дар киностудияи Сталинобод (Душанбе) ба фаъолияти эҷодӣ шурӯъ кард, тавфиқ ёфт, комёбиҳояш ба равнақи киноии тоҷик мусоидат сохт. Ҳанӯз дар давраи аввали фаъолияташ, ки алоқаманд ба кинои ҳуҷҷатист, ихлос ва садоқати хешро ба халқи тоҷик, ба сарзамини Тоҷикистон бо «Тоҷикистон», «Дар кӯҳҳои Помир», «Дар Помир», «Иди халқи тоҷик», «Одами кишвари офтобрӯя», «Ассалом, Тоҷикистон», «Чаҳор суруд дар васфи Тоҷикистон» ва ҳоказо равшан ифода намуд.

Духтари Б.Кимёгаров – Елизавета дар шаҳри Сталинобод ба дунё омад. Баъде ақли худро шинохт, ба касби падар меҳр монд, ҳамроҳи ӯ ба киностудия мерафт, бачагиаш бо киносозон гузашт.

Падараш дар бачагӣ орзу дошт муаллими забон ва адабиёти тоҷик шавад. Баъди хатми техникуми педагогӣ ду сол дар яке аз мактабҳои миёна аз забон ва адабиёти тоҷик дарс дод. Баъди тамошои филме орзуи филмофарӣ якбора дар қалбаш рӯ зад. Меҳри кино Борисро ба факултаи режиссёрии Институти давлатии умумииттифоқии кинематография бурд ва онро бомуваффақият хатм намуд.

Елизавета бошад баъди хатми мактаби миёна роҳи Маскавро пеш гирифт, даргоҳеро, ки падар таҳсил гирифта буд (ВГИК), соли 1968 ба итмом расонд ва худи ҳамон сол ба Душанбе баргашт, «Тоҷикфилм» ба ӯ дари худ боз намуд.

Падар ва духтар баъди он бевосита дар соҳаи ҳунар ҳамкорӣ намуда, ва чӣ дар коргардонӣ ва чӣ наворгирӣ бомаслиҳат кор мекарданд. Агар танҳо давраи аввали фаъолияти эҷодии Борис ба кинои ҳуҷҷатӣ вобастагӣ дошта бошад, Елизавета тамоми умр ба филми ҳуҷҷатӣ содиқ монд ва бо ҳидояту раҳнамоии падар дар «Тоҷикфилм» даҳҳо филмҳои ҳуҷҷатиро ба навор гирифт, ки дар бораи корномаи одамони гуногункасб ҳикоят мекунанд.

Зимнан, тадқиқи рӯзгори муосир, офаридани характери қаҳрамонҳое, ки ҳамзамонанд, ҳеч вақт аз эътибори Борис Кимёгаров дур намондааст. Тасвири мавзӯи таърихиву инқилобӣ дар «Замони осоишта» ва «Одам пӯсташро иваз мекунад», «Вазифаи олӣ» ва «Як умр кифоя нест» барин офаридаҳои коргардон маҳаки асосианд.

Меҳри адабиёти тоҷик қалби коргардони хушсалиқаро тамоми умр ором нагузошт. Вай рӯзгор ва осори бузургмардони олами хирадамонро устодона аз китоб ба экран кӯчонд ва ба ин восита ба адабиёту ҳунари мо хидмати бузург кард. «Дохунда»-и ӯ (аз рӯйи асари ҳамноми Айнӣ), ки соли 1956 рӯйи экран дид, назар ба фикри мутахассисон, таҷаддуди кинои бадеии тоҷик буд. Соли 1965 аз рӯйи достони ҳамноми Мирзо Турсунзода вай «Ҳасани аробакаш»-ро ба дӯстдорони синамо тақдим сохт. Саҳл пештар «Қисмати шоир» ном картинааш (бахшида ба ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакӣ) дар ҷашнвораи байналхалқии Қоҳира ба мукофоти калони «Уқоби тиллоӣ» сазовор шуда буд. Ин филм, ки метавон онро қиссаи ҷолиби романтикӣ оиди рӯзгори Одамушшуаро номид, ҳанӯз тамошобини худро дорад. Б. Кимёгаров бо ин картинааш дар инкишофи жанри таърихию биографӣ ва ривоятӣ дар синамои миллӣ саҳми муносиб гузошт.

Борис Кимёгаров дар авҷи фаъолияти эҷодӣ ба «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки беҳтарин намунаи эпоси миллист, муроҷиат намуд. Ҳанӯз соли 1961 «Коваи оҳангар» ба экран баромада бошад, ибтидои солҳои ҳафтодум «Достони «Рустам», «Рустам ва Суҳроб», «Достони Сиёвуш» ном картинаҳои ӯ кинои тоҷикро ба саҳнаи ҷаҳон баровард. Навъе киношиносе барҳақ қайд намуда: «Ба филмҳои эпикии Кимёгаров обуранги бадеӣ, образнокӣ, вусъати тасвир, мубориза шадиди хайру шар, масъалаи ҷанг ва сулҳ, ғояҳои инсондӯстии эпоси қадим хос мебошанд». Ҳаминро низ бояд гуфт, ки коргардон ба эпоси миллиамон рӯй оварду ҳунармандона ҳамзамонҳоро ба сайри таърихӣ бурд ва осори воқеан некбинонаи замонавӣ офарид.

Силсилафилмҳо аз рӯйи «Шоҳнома» ба гирифтани мукофоти аввали Киноҷашнвораи умумииттифоқӣ дар Тбилиси сазовор шуданд. «Достони Сиёвуш», айни замон, барои беҳтарин режиссура ва беҳтарин таҳияи эҷодкорона дар Кинофестивали 10-уми умумииттифоқӣ (Рига, соли 1977) мукофот гирифт. Коргардон ба Мукофоти давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сазовор дониста шуд.

Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Борис Кимёгаров солҳои 1962-1976 ба сифати котиби якуми Раёсати Иттифоқи кинематографистони Тоҷикистон фаъолият бурдааст. Вай натанҳо коргардон буд, сенария низ менавишт – баробари филмҳое, ки офаридааст, ба як қатор картинаҳои ҳуҷҷатнигорони тоҷик сенарияҳо навиштааст (масалан, ба филмҳои «Роҳи сафед», «Санъати Тоҷикистон», «Муҳаммадҷон Қосимов» ва ғайраҳо). Ба сифати режиссёри дубляж, айни замон, самаранок фаъолият намудааст.

Б. Кимёгаров хусусан устод Айниро бисёр эҳтиром мекард. Бахшида ба ӯ ду филми ҳуҷҷатӣ (солҳои 1949 ва 1978) таҳия намуд. Ин картинаҳо аз бобати рӯзгор ва осор, саҳм ва мақоми устод дар инкишофи адабиёту маданияти тоҷик ҳикоят мекунанд. Бо тамошои ин филмҳо дар асл бояд чӣ тавр шудани мактаби устод-шогирдро то андозае дарк карданамон мумкин.

Коргардони машҳур Борис Кимёгаров соли 1979 зиндагиро падруд гуфта бошад, духтараш Елизавета кори ӯро идома дод. «Ҳашар» ном филмномаи ӯ соли 1972 соҳиби Дипломи киноҷашнвораи умумииттифоқии Алматӣ шудааст. Доир ба фаъолияти илмии доктори илмҳои тиб, профессор Саъдинисо Ҳакимова вай «Доктор Ҳакимова» ном филми ҳуҷҷатӣ таҳия намуд, ки манзури умум гашт. «Некӣ» ва «Маликаи мо» ном офаридаҳои Е.Кимёгарова ба фаъолияти илмӣ ва ҳунарии фарзандони номбардори тоҷик А.Пӯлодов ва М.Собирова бахшида шудаанд. Коргардон бо «Тиру камон» ва «Хушбахтӣ дар ҳаёти ман» ном офаридаҳои хеш дар инкишофи филмҳои бачагона ва таҳияи филм-балетҳои бачагона саҳм гирифтааст. Елизавета ба осори Хайёму Бедил низ рӯй овард, таҳияҳои ӯ «Гули сеҳрнок» ва «Рубоиёти Хайём» ба ҳаводорони адабиёти классикии мо туҳфаҳое буданд арзанда.

Елизаветаро ҳамеша меҳнатдӯстии падар мафтун месохт. Қиблагоҳи бузургвораш дар ҳолатҳое ҳам, ки саломатиаш нохуб, ҳатто бистарӣ буд, аз эҷод дур нашуд. Дар охири умр вай дар болои филми телевизионии панҷқисмата «Одам пӯсташро иваз мекунад» (аз рӯйи романи Бруно Ясенский) кор кард. Вале афсӯс, дидани нахустнамоиш ба вай насиб накард: дар 58-солагӣ, дар авҷи камолоти эҷодӣ зиндагиро падруд гуфт. Ҳамсараш Анна Михайловна (модари Елизавета) бо ӯ ҳамнафас монд, барои «коргардони сатҳи ҷаҳонӣ» шудани соҳиби сар шароит фароҳам овард.

Елизавета (номи дигараш Лилия) Бенсионовна алҳол дар Исроил ба сар мебарад. Аз он ифтихорманд, ки замоне бо синамои тоҷик ҳамкору ҳамқадам буд. Падари зиндаёдаш бошад – классики кинои тоҷик.

**М. ШОДИЕВ.**

# НЕКБАХТ ОН КАСЕ, КИ ДОДУ БИХӮРД...

(Аввалаш дар саҳ.3).

Гузашта аз ин, вай барои ба насли наврас тарғибу ташвиқ намудани мероси таърихиву фарҳангии мардум саҳми босазо мегузорад. Таҳти ҳимояти молии Асалбек Муртазобеков китоби «Девайрон андар Сӯхи бостон» ба нашр расидааст.

Ногуфта намонад, ки вай бо нишони сарисинагии «Ҳомии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» сазовор гардидааст. Инчунин академики ифтихории Академияи фанҳои Тӯрон ва профессори ифтихории Донишгоҳи давлатии Фарғона мебошад.

– Соли 2020 барои банда соли хеле хубу бобарор омад. Дар баробари он ки пахши пандемияи куруно дар тамоми соҳаҳо таъсири бади худро гузошт, шукри Худовандро мекунам, ки аз ин бумбаст ба саломат наҷот ёфтем. Дар ҳамон рӯзҳои сахт низ маҷбур будам, ки занбӯрҳои асал бе ғизо намонанд. Талошҳоям бесамар намонд ва ҳамон сол занбӯрҳо маро хурсанд карданд. Гуфтаниам, ки дар ҳамон давраи мушкилзо бештар аз 10 тонна асал ба даст овардам. Чунки занбӯрҳои асал барои сер кардани шиками худ метавонистанд ба ҳар кучо «сафар» кунанд ва бо борҷомаи хуб ба хонаи худ баргарданд, – бо табассум мегӯяд Асалбек Муртазобеков.

Вай тазаккур дод, ки аз занбӯри асал, ғайр аз асали тару тоза, инчунин муми асал, прополис, заҳри занбӯр ва шири шоҳзанбӯр низ мегиранд, ки барои давокунии одамон ва корҳои дигар истифода мекунанд. Дар гардолудкунии растаниҳо низ занбӯри асал хеле нақши муҳим мебозад.

Соли 2020 вай бо фармони Президенти мамлакат дар қатори як гурӯҳ соҳибкорони ҷумҳурӣ бо ордени «Дӯстӣ» сазовор дониста шуд ва ин ҳодиса мояи хушбахтӣ ва сарфарозии ӯву аҳли хонавода ва дӯстонаш гардид. Асалбек мегӯяд, аз гирифтани нишонҳои зиёди сарисинагӣ ҳамеша ифтихор мекард, вале қадри мукофоти давлатӣ – ордени «Дӯстӣ» барояш аз ҳама баланду арзишманд мебошад.

**– Шумо дар соҳаи парвариши занбӯри асал аллакай таҷрибаи зиёд ҳосил намудаед. Ҳатто дар донишгоҳ низ ба ҷавононе, ки мехоҳанд дар оянда ба асалпарварӣ машғул шаванд, дарси маҳорату малака мегузаред. Оё аз ҷавонони маҳаллӣ низ шогирдҳо ба воя расонидед?**

– Теъдоди умумии онҳо дастикам панҷоҳ нафарро ташкил мекунад, ки дар ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои Қалъача, Тӯл, Ровон, Умбара, Ленбур, Девайрон, Ғазноб, Шарқобод, Демирсад, Сариканда, Зангат ва амсоли он ба парвариши занбӯри асал машғуланд.

**– Дар бораи такмили касби асалпарварӣ чӣ метавон гуфт?**

– Барои соҳибони ҳамаи касбу кор такмили касб лозим аст. Дар ин соҳа китобҳои олимонро мутолиа мекунам, аз навгониҳо бохабар мешавам. Дар кишвари мо барои ҳифзи занбӯрҳо ва ҷамъи гардолудкунандагон, инчунин саломатии инсонҳо, ҳайвонот, наботот ва муҳити зист замимаи мобилии «Саломатии ягона» таҳияву таълиф шудааст. Ин замима занбӯрпарваронро бо тамоми маълумоти зарурии илмӣ ва оморӣ таъмин менамояд.

**– Абдураҳмони Ҷомӣ мефармояд:**

**Чу парҳезгорӣ шавад пешаат,**
**Бувад хайрхоҳӣ дар андешаат.**

**Хайру саховат ба мардумро на ҳамаи соҳибкорон анҷом медиҳанд. Ҳамту не?**



– Шояд онҳо намедонанд, ки дар хайру эҳсон савоби калон нуҳуфтааст. Вақте ки шахсе аз ҳисоби маблағи ту кореро ба сомон мерасонад, ки аввалҳо аз норасоии он мушкилӣ мекашид, ҷӯе канда шавад ва ё лӯлаеро хобонанд, ки аз беобӣ мардум наҷот меёбанд, ё роҳи ноҳамвори сергарду чанг ҳамвор гардаду равуои одамон ва ҳаракати мошинҳо осон шавад, ба кас чӣ кайфияте бузург мебахшад. Ҳотами Той маҳз бо саховатпешагӣ ном баровардааст, ки пайравӣ аз он ҳар касро ба мурод мерасонад.

**– Ба шефӣ гирифтани кӯдакистонҳоро аз кай оғоз намудед?**

– Вақте ки натиҷаи меҳнатам бор овард, ман ба ин кор андеша кардам ва кумак ба кӯдакистонҳо ва мактабҳои таҳсилоти умумиро минбаъд низ идома хоҳам дод.

Вақте ки суҳбатамон то ин ҷо расид, ба назди мо ҷавонзане омад, ки қаблан барои рӯзномаи «Овози тоҷик» дар бораи вай лавҳае навиштаву нашр кардаам. Вай Шабнам Адҳамбекова– мудири кӯдакистони хусусии «Happy kids academy» мебошад. Ҳоло вай 30 нафар фарзандони аҳли деҳро ба таълиму тарбия фаро гирифтааст. Дар ин кӯдакистон кӯдакон ғайр аз забони модарӣ забонҳои русиву англисӣ меомӯзанд. Вай ба Асалбек Муртазобеков ибрози сипос кард, ки ошхонаашонро бо ҳезум таъмин намудаву онҳоро аз ин мушкилӣ раҳо кардааст.

– Бо чунин сокини маҳалла ҳамаи мо ифтихор мекунем. Дасти саховати ӯ ҳамеша боз аст. Дар корҳои маҳаллаамон фаъолнокӣ нишон медиҳад ва ҳар мушкиле пайдо шавад, пеш аз дигарон вай ба кумаки мо меояд,– мегӯяд раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Девайрон Раҳмон Бобоев.

Рӯдакии бузургвор фармудааст:

*Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,*
*Шӯрбахт он, ки ӯ нахӯрду надод.*

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

**Бузургони олам бо дуои модар бузург ва некному шуҳратёр гаштаанд. Ҳар як фарди солимфикр барои модари худ, ки овони тифлӣ дар сари гаҳвораaш шабро рӯз мекунад, ҳаловати худро ба тифлаш мебахшад ва то охири умр дуогӯйи фарзандаш мебошад, аз умқи дил гуфтаниҳое дорад.**

# ТАВОЗӮЪ КУН, КИ ЁБӢ АРҶМАНДӢ...

Банда низ дар озмуни «Дуои модар», ки нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон – рӯзномаи «Ҷумҳурият» якҷо бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд эълон намудааст, бо мақолаҳои худ бахшида ба модар, иштирок намудам.

Бояд гуфт, ки вақте Тоҷикистон мегӯям, солҳои мактабхониам (солҳои 60-70-ум) ба ёд меоянд. Он солҳо тибқи барномаи таълимии Тоҷикистон савод баровардем, бо панду андарзи бузургони форсу тоҷик ба воя расидем, ба рӯзномаву маҷаллаҳои Тоҷикистон – «Маориф ва маданият», «Газетаи муаллимон», «Садои Шарқ», «Занони Тоҷикистон», «Машъал» обуна шуда, ҳар як шумораи онҳоро бесаброна интизор мешудем...

Халқи тоҷик аз қадимулайём меҳмоннавоз, инсонпарвар ва кушодадил мебошад. Дар Хуҷанди бостониву бӯстонӣ иштирокдорон ва меҳмонони озмуни номбурдаро мизбонон бо нону намак ва дилу чеҳраи кушод хайрамақдам гуфтанд.

Вақте дар остонаи «Қасри Арбоб» чашмам ба сурати худ, ки дар қатори нависандагон, шоирон ва бонувони қаламфарсои тоҷик насб шуда буд, афтид, ғайриихтиёр ашк гулӯгирам кард...

Ёд дорам, рӯзгоре, ки мактабхон будам, барои духтарони деҳаи кӯҳии мо хонданравӣ манъ буд. Падару модарони соҳибмаърифат ба хурофотпарастии мардуми деҳ гӯш накарда, духтарони худро барои идомаи таҳсил мефиристоданд. Яке аз онҳо падари омӯзгори ман буд. Вақте омодагии роҳро ба Самарқанд медидам, модарам сертараддудтар мешуд. Халтаи маро бо нонҳои башир, чормағзу ғӯлинг, талқони себу тутмавиз пур мекард. Ва оҳиста аз зери остини барзадааш роҳхарҷӣ медод ва мегуфт: «Духтарам, медонам падарат харҷи роҳу хонданатро дод. Инро ҳам гир, барои духтарбача майда-чуйдаи зиёде лозим, камию муҳтоҷӣ накаш, аъло хон, боодоб шав, сабуриро пеша кун...»

Вақте бо падару модари азизам «то боздид» гуфта, ба ягона автобусе, ки мусофирони деҳаҳои дурдасти қаторкӯҳи Нураторо то маркази ноҳия мерасонд, нишаста то ба манзил расидан симои изтиробомези онҳо аз назарам дур намешуд...

Албатта, ҳакамони озмун на танҳо навиштаҳои маро муносиб донистанд, балки дӯстӣ, якдилӣ, ҳамзабониро низ гиромӣ доштанд.

Инсонпарварии роҳбарони фурӯтан ва дурандеши Тоҷикистону Ӯзбекистон буд, ки мо дар чунин гирдиҳамоиҳою ҷашнвораҳо иштирок намуда, хурсандӣ мекунем. Бадриддини Ҳилолӣ фармудааст:

*Тавозӯъ кун, ки ёбӣ арҷмандӣ,*
*Фурӯтан шав, ки бинӣ сарбаландӣ.*

Ба сифати модари панҷ духтар, ки ҳоло онҳо модарони ҷавонанд, дуо мекунам, ки аз кулбаи ҳар яки мо танҳо садои гиряву хандаи кӯдак баланд шавад, осмонамон соф, суфраву дасторхонамон пури нон бошад!

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# МАНФИАТИ ШАХСӢ, МИЛЛӢ ВА УМУМИБАШАРӢ

(Аввалаш дар саҳ.3).

Баъд аз пири Тӯсӣ қоиммақомҳои ӯ бо таълифоти мондагори хеш парчами истиқлоли забониро баландтар афроштанд. Дар натиҷа забони зебою шевои форсӣ (порсӣ) хеле рушд кард, ба забони давлатии як минтақаи бузург табдил ёфт. Имрӯз аз «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолиддин Балхии Румӣ, рубоиёти ҳикматбори Умари Хайём, панду андарзҳои инсонпарваронаи Саъдии Шерозӣ ва ғазалиёти шӯрангези Ҳофизи лисонулғайб ва дигарон на танҳо форсизабонон, балки тамоми оламиён баҳра мегиранд. Пас, маълум мешавад, ки онҳо таълифоти хешро бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва умумиинсонӣ анҷом дода будаанд...

Талошу пайкорҳои аллома Садриддин Айнӣ дар нимаи аввали садаи XX барои бақои забону миллати тоҷик бесобиқа буд. Осори назмӣ, насрӣ ва мақолаҳои пурмуҳтавои ӯ, мисли «Одина», «Мактаби кӯҳна», «Ятим», «Дохунда», «Ғуломон», «Ёддоштҳо», мақолаҳои публитсистиаш «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ», «Забони тоҷикӣ», «Сарфу наҳви завбони тоҷикӣ», тазкираи таърихиаш — «Намунаи адабиёти тоҷик» ва дигар асарҳои мондагораш таълифоте буданд дар роҳи манфиатҳои умумимиллӣ. Устод дар он аҳд бо зӯри қалам корномае нишон дод, ки рӯзгоре фарзандони диловару баори қавм Спитамен, Абумуслим, Маҳмуди Торобӣ, Темурмалик ва дигарон барои ҳифзи марзу буми хеш аз ҳуҷуми душманон бо зӯри шамшер анҷом дода буданд.

Спитамен (Сапеддомон) дар солҳои 329–227 то милод ба шӯриши аҳолии Суғду Бохтар алайҳи Искандари Мақдунӣ роҳбарӣ кардааст. Ӯ бо чашмони худ медид, ки лашкариёни Искандари Мақдунӣ нангу номус ва арзишҳои миллиро поймол месозанд, оташи ҷаҳлашон хазинаи маънавӣ — китобхонаҳои бузургро месӯзад. Ниҳоят, косаи сабраш лабрез гашта ба по хест, ҳазорон нафар суғдиён ва бохтариён дар пайравии ӯ ба по хестанд. Искандар талафоти калон дид. Вале ба сабаби он ки қувваҳо баробар набуданд ва хиёнат кори худро карда буд, Спитамен шикаст хӯрд. Аммо ин шикасте буд, ки дари пирӯзиҳои ояндаро боз кард... Ман ба ин гуфта, ки мегӯянд: халқи мо то ба истиқлоли давлатӣ расидан талафоти зиёди ҷониву молӣ додааст, бовар мекунам...

Суоле табиӣ пайдо мешавад: тоҷикони Ӯзбекистони кунунӣ, ки расман беш аз 1 миллиону 700 ҳазор нафар нуфус доранд, чӣ манфиати умумимиллӣ дошта метавонанд? Фикр мекунам, дар маҳдудаи Ӯзбекистон рушду тарвиҷи мактабу маориф, забон, фарҳанг, адабиёт, урфу одат ва арзишҳои миллӣ, дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ба забони модарии худ хонондани фарзандон, доштани театри миллӣ ва ҳ. аз манфиатҳои умумимиллии онҳост. Онҳо бояд дар доираи қонунҳои фаъоли Ӯзбекистон ва СММ дар роҳи ташаккул додани чеҳраи фарҳангӣ ва миллии худ саъю кӯшиши зиёд ба харҷ диҳанд. Чанде аз шоирон, нависандагон, олимон, журналистон ва рӯшанфикрони тоҷик имрӯз дар ин кори муҳим — ҳифзи манфиатҳои миллӣ бо таълифоти хеш ва матолибе, ки дар нашриёҳо чоп мешаванд, то ҷое саҳм мегузоранд. Дар ҷумҳурӣ чопи китобҳои бадеӣ ва илмии онҳо худ як ҳодисаи масарратбахш аст.

Бо ибтикори роҳбари давлат ва ҳамоҳангии ҳукумат дар кишварамон ҳар сол даҳҳо муассисаҳои таълими томактабию мактабии муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти замонавӣ сохта ба истифода дода мешаванд ва омӯзгорони зиёде сазовори мукофотҳои давлатӣ мегарданд, ки боиси шукргузорист. Маоши устодони муассисаҳои таълими томактабӣ, мактабӣ ва олӣ зина ба зина зиёд карда мешавад. Тӯли чанд соли охир доир ба рушди сохтори таълим фармону қарорҳои тақдирсоз ба тасвиб расиданд. Ин ташхиси дақиқи роҳбари давлат, ки даст ба набзи замон ниҳода гуфтааст: «То даме, ки дар мактаб дигаргуние ба амал намеояд, дар ягон соҳа дигаргунӣ рӯй намедиҳад» моро водор месозад, ки сари механизми нави таълиму тарбия биандешем. Яъне корро аз мактаб оғоз намоем. Тавре кунем, ки «завод-мактабҳо»-и мо маҳсулоти хушсифат, насли огоҳу худшинос истеҳсол намоянд...

Шояд корҳои таълиму тарбия дар дигар мактабҳои миллии кишвар хуб ба роҳ монда шудааст. Аммо наметавон гуфт, ки вазъи таълим дар мактабҳои тоҷикӣ табъи дил аст. Сифати тарҷумаи аглаби китобҳои дарсӣ, ки аз забони ӯзбекӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума мешаванд, ба талаб ҷавоб намедиҳад. Дар барномаи таълимӣ кам будани соатҳои таълими забони тоҷикӣ имкон намедиҳад, ки толибилмон забони меъёрро ба таври бояду шояд омӯзанд. Кор то ба ҷое расидааст, ки хатмкунандагони мактабҳои тоҷикӣ (ба истиснои як ё ду нафар) дар доираи забони меъёр ба сари худ тарҷумаи ҳол, ариза, нақли хаттӣ ва иншо навишта наметавонанд. Вақте ки хонанда аз забони меъёр дур шуд, роҳи омӯхтани дигар фанҳо низ барояш баста мешавад. Ман намедонам, ки дар мактабҳои тоҷикии ҷумҳурӣ таърихи халқи тоҷик то куҷо омӯзонида мешавад. Вале бисёр мехостам, ки дар мактабҳои тоҷикӣ таърихи халқи тоҷик муфассал омӯзонда шавад. Зеро таърих ягона фаннест, ки ба бедорӣ ва худшиносии ҷавонон мусоидат менамояд. Агар насли ҷавон таърих (саргузашт)-и халқи худро надонад, дар ҷодаҳои зиндагӣ раҳгум мезанад, ба уштури миҳорбастае монанд мешавад, ки мӯре метавонад ӯро ба ҳар самт кашад. Шоир ва мутафаккири бузурги нимҷазираи Ҳинд Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ доир ба аҳамияти донистани саргузашт (таърих)-и қавм фармудааст:

*Қавм рӯшан аз саводи саргузашт,*
*Худшинос омад зи ёди саргузашт.*
*Саргузашти ӯ гар аз ёдаш равад,*
*Боз андар нестӣ гум мешавад...*
*Забт кун таърихро поянда шав,*
*Аз нафасҳои рамида зинда шав.*

Яъне, саргузашт (таърих) ба зиндагии қавм (миллат) рӯшанӣ мебахшад, ӯро худшинос мекунад. Агар саргузашт — таърихаш аз ёдаш равад, дигар ҳамчун миллат боқӣ намемонад, нест мешавад... Биноан, барои дар оянда ҳамчун миллат нест нашудан, фарзандони тоҷик бояд дар мактаб саргузашт (таърих)-и миллати худро омӯзанд. Нарасидани кадрҳои педагогӣ низ боиси нигаронист...

Тибқи Қонуни забони давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки такя ба банду бастҳои Конститутсияи кишвар дорад, миллатҳои ғайриӯзбек, аз ҷумла тоҷикон, дар ҷойҳое, ки зич умр ба сар мебаранд (гузар, деҳа ва ноҳияҳое, ки аҳолиашон сад дар сад тоҷиканд), ҳаққу ҳуқуқи комил доранд, ки бо забони модарии худ табодули афкор намоянд, маҷлис гузаронанд, дари мактабҳои тоҷикиро кушоянд, шиору деворовезаҳоро ба забони модарии худ навишта, дар ҷойҳои ба назар намоён насб намоянд...

Фикр мекунам, ин корҳои хайр дар доираи қонунҳои фаъоли ҷумҳурӣ ва дастгирии ҳукумат ба амал татбиқ мегарданд.

**А. СУБҲОНОВ.**

*Баъди хидматрасонии чандинсола дар бинои мувофиқгардондашуда ниҳоят орзуи деринаи кормандони маркази хидматҳои давлатии ноҳияи Шофиркон рӯйи об баромад. Бинои нави дуошёна маркази хидматҳои давлатӣ ба кор даромад.*



# БИНОИ НАВИ МАРКАЗИ ХИДМАТҲОИ ДАВЛАТӢ

Акнун кормандони марказ дар кабинетҳои равшану васеъи дорои як қатор қулаиҳо нишаста, дар як рӯз сарфи назар аз ҷои зисташон то 500 нафар корафтодагонро қабул карда, ба онҳо дар доираи бештар аз 300 намуд хидмати давлатӣ расонда метавонанд.

Дар ин бино ҷо гирифтани шуъбаи сабти далолатномаҳои ҳолатҳои шаҳрвандӣ, маркази хидматҳои давлатию хидматҳои ҳуқуқӣ, ки шомили низоми шуъбаи адлияи ноҳия буда, «Хонаи адлия»-ро ҳосил кардааст, барои корафтодагон хеле қулай мебошад.

Инро бинокорони корхонаи «Когон строй престиж» дар муддати кӯтоҳ бунёд карданд. Барои ин 2 миллиарду 85 млн. сӯм маблағ харҷ гардид.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»,**
**дар вилояти Бухоро.**

# ХОНУМИ ГУГУШ САНЪАТРО ТАРК МЕКУНАД!

**Гугуш, ки ному насаби аслиаш Фойиқаи Оташин аст, 5-уми майи соли 1950 дар шаҳри Теҳрон, дар оилаи санъаткор ба дунё омадааст. Падараш Собир Оташин, ки Гугуши хурдакро бо ҳамроҳи худ зуд-зуд ба саҳна мебурд, намедонист, ки духтари ӯ соҳиби овози нотакрор аст. Гугуш дар синни 5 дар саҳна суруд мехонд ва аллакай дар олами санъат ҷойи худро дошт.**

Ӯ қариб 68 соли умрашро дар саҳна гузарондааст, нафақат бо овози хушаш, инчунин бо образҳои рангорангӣ худ, ки дар филмҳо иҷро мекард, мақбули устодону мухлисонаш буд.

Соли 1971 дар шаҳри Канн бо забони фаронсавӣ суруди «J’entends crier je t’aime»-ро мехонад ва ҷойи аввалро ишғол мекунад.

Гугуш на танҳо бо забони форсӣ-тоҷикӣ, инчунин бо забонҳои англисӣ, озарӣ, испанӣ, италёнӣ, фаронсавӣ, арманӣ ва арабӣ сурудааст. Алхусус, сурудҳои форсиаш барои мардуми форсизабон мавқеи муҳим дорад.

Соли 1979 ба ӯ дар Эрон баромад кардан манъ карда шуд.

Соли 2000 Гугуш ба Амрикои Шимолӣ кӯчид ва то ҳол фаъолияти эҷодии худро дар онҷо идома медиҳад.

Пас аз кӯчидан ба ИМА овозхон гастролҳоро идома дод ва дар якчанд кишвар баромад кард. Аз ҷумла, дар Ереван ва Тбилиси.

Ӯ дар саҳифаи расмиаш дар шабакаи иҷтимоӣ хабар дод, ки саҳнаро тарк мекунад. Дар видеомуроҷиати худ чунин мегуяд: «Фасли охир, фасли Худоҳофизии ман аз сарзамини истеъдодам – саҳна аст. Аз ҷойе, ки беҳтарин хотираҳои зиндагиямро бо шумо аз ибтидо тақсим кардам...»

Ва зери видео инчунин навишта шуда буд:

«Нахустнамоиши даври ниҳоии Гугуш шанбеи 23 сентябр дар Сан-Хосеи Калифорния. Сафари қаторӣ шумораи интихобшудаи шаҳрҳои Амрикои Шимолӣ, Аврупо ва Осиёро дарбар мегирад...»

Дар як паёми худ хонуми Гугуш мегӯяд, ки вазъи саломатиаш хуб нест ва ӯ овозашро аз даст медиҳад. Ҳоло дар синни 73, ки ӯ ба рӯйи саҳна бори охир меояд, барои мухлисон хеле қадрнок аст.

Албатта, олами санъатро боз як афсона тарк менамояд. Аз ӯ ба мо сурудҳои фаромӯшнашаванда, овози нотакрору ширанок ва хотираҳои гарму ҷӯшон мемонад.

**Парвина РӮЗИМАҲМАДОВА.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1025.
Адади нашр 4558. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳон.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 02.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.